**Суратмаҷлиси №7/1**
**аз ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 20.03.2024с. ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., н.и.ҳ., дотсент Миралиев И.Қ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., муаллимони калон Холиқова О.А. ва Исматова М.Ҳ. ва ассистентон Азимов С.Ш., Муминзода М.Н., Бобозода У.Э., Вализода С.О., Холиқов Н.А. ва лаборантони кафедра Сайфуддинзода Ф.С., Иброҳимзода Ш.Ҳ.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи "Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ". Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С.**

Мудири кафедра Саъдизода Ҷ. қайд намуд, ки рӯзномаи ҷаласаи имрӯзаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи "Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ" зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Муминзода М.Н. дода шуд **(Баромад замима мегардад).**

Баъди баромади Муминзода М.Н. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаи рисола ба устодони кафедра н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М. ва н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро доир ба арзиши илмии рисолаи илмии Муминзода М.Н. иброз намуд. Мавсуф қайд намуд, ки рисолаи илмии унвонҷӯ аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа дар сатҳи хуб омода шуда, ба талаботи КОА-и назди

Президенти Ҷумурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Баъдан, сухан ба дотсент Шоев Ф.М. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Муминзода М.Н. иброз намуда, баъзе камбудиву норасоиҳои рисоларо қайд намуд. Дар умум, қайд кард, ки рисола кори илмии анҷомёфта буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Сипас дотсент Искандаров Ш.Ф. андешаҳояшро оид ба рисола иброз намуд, ки он дар сатҳи хуб навишта шудааст ва ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия карда мешавад.

Мудири кафедра Саъдизода Ҷ. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла қайд кард, ки дар рисолаи илмӣ, асосан, ғалатҳои техникӣ ва риоя нашудани баъзе қоидаҳои нав ба чашм мерасанд. «Мазмуни рисола хуб аст ва он ба ҳимоя тавсия карда мешавад» – қайд намуд, Саъдизода Ҷ.

Мудири кафедра Саъдизода Ҷ. андешаҳои аъзои кафедраро ба инобат гирифта, пас аз муҳокима рисолаи номзадии М.Н. Муминзода -ро ба овоздиҳӣ гузошт. Аз аъзои кафедра хоҳиш намуд, ки мавқеи худро оид ба рисолаи номзадии Муминзода М.Н. муайян намоянд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Ҳамин тариқ,

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи “Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ” зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. таҳқиқоти илмӣ – соҳавии анҷомёфта маҳсуб шуда, ба ҳимоя, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.
2. Хулосаи мусбати кафедра оид ба рисолаи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дода шавад **(Хулосаи кафедра замима мегардад).**

Бо ҳамин ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, н.и.ҳ., дотсент:** **Саъдизода Ҷ.**

**Котиби маҷлис:** **Иброҳимзода Ш.Ҳ.**

20.03.24